# Тақриз

ба фишурдаи диссертатсияи Раҳматова Озодахон Анварҷоновна дар мавзӯи «Сохт, мавзӯъҳо ва поэтикаи қасидаҳои Сайфи Исфарангӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯи ихтисоси 10.01.01.-Адабиёти тоҷик.

Мавлоно Сайфиддини Исфарангӣ аз зумраи шоирони маъруфи адабиёти форсу тоҷикии асрҳои XII-XIII буда, дар такомули жанри қасида саҳми босазо гузоштааст. Роҷеъ ба ин матлаб дар рисолаву мақолоти муҳаққиқони адабиёти давраи мавриди назар ишораҳо рафтааст. Алалхусус, дар монографияи адабиётшиноси тоҷик Лола Сулаймонова ҳаёт ва эҷодиёти ин суханвари номӣ бо покизакорӣ рӯйи таҳқиқ дидааст. Мутаассифона, то имрӯз қасидаҳои ин шоири шаҳир, ки қисмати зиёди ашъори ӯро ташкил медиҳанд, мавриди таҳқиқи алоҳида қарор нагирифтааст.

Аз ин лиҳоз, мавзӯи диссертатсияи номзадии Озодахон Раҳматова муҳим ва хеле қобили таваҷҷуҳ аст. Муҳаққиқ як саҳифаи муҳимми таърихи адабиёти форсии тоҷикиро равшан месозад, зеро муддати муайяне дар адабиётшиносии тоҷик ва рус ба сабаби маҳдудияти мафкуравӣ ба омӯзиши жанри қасида ҳамчун воситаи таҷассуми мафкураю сиёсии давраи феодалӣ эътибор дода намешуд. Муҳаққиқон дар зери мафҳуми қасида танҳо як мавзӯи он – мадҳро дида, аз мавзӯъҳои дигари ин навъи шеърӣ сарфи назар кардаанд. Вале тадриҷан адабиётшиносон зарару яктарафагии чунин муносибати ғайриилмиро нисбат ба таърихи ҳунару тафаккури бадеии халқ пай бурданд ва ба тадриҷ аз он даст кашиданд. Дар натиҷа солҳои охир дар ин соҳа дар адабиётшиносии тоҷик асарҳои ба назар намоёне анҷом ёфтааст. Аз ҷумла, таҳқиқоти Р. Мусулмониён, Х. Шарипов, З. Аҳрорӣ, У. Тоиров, И. Икромов, А. Насриддинов, У. Казакова, Р. Тағоймуродов ва чанде дигарон қобили қайду ёдоварӣ мебошад.

Дар воқеъ, қасидаро танҳо мадеҳаи сирф ба қалам додан ва қимати бадеию эстетикии онро тамоман нодида гирифтан амали аз ҳақиқати илмӣ дур аст. Дар қасидаи мадҳӣ шоирон дар образи мамдӯҳ бартарии хислатҳои неки инсониро васф намуда, ормонҳои бузурги ҷамъиятиро тарғиб мекарданд. Онҳо зимни мадҳ ба чандин мавзӯъҳои дигар низ дахл карда, паҳлуҳои мухталифи зиндагиро бо образу воситаҳои тозаи бадеӣ ба риштаи тасвир кашидаанд. Қасидаҳои мадҳӣ арзиши муайяни таърихӣ ва иҷтимоию адабӣ низ доранд, зеро дар онҳо саҳифаҳои таърихи сиёсиву иҷтимоӣ ва маданиии зиндагии халқ акс гардидаанд.

Муҳаққиқ дар муқаддимаи диссертатсия вазифаҳои пажӯҳиши худро мушаххас баён намуда, муҳиммияти мавзӯъ ва шеваю усулҳои таҳқиқро баён мекунад.

Боби аввали диссертатсия, ки "Замони зиндагӣ ва эҷодиёти Сайфи Исфарангӣ" унвон дорад, дорои чаҳор зерфасл буда, асосан ба аҳволу осори шоир иртибот дорад.

Боби дуюми диссертатсия "Сохт ва муҳтавои қасидаҳои Сайфи Исфарангӣ" ном дошта, дар зерфаслҳои ин боб сохтори бадеии қасоиди шоир, муҳтаво ва арзишҳои адабию бадеии қасидаҳои Сайфро таҳқиқ мекунад. Муҳаққиқ ишора мекунад, ки қасоиди Сайф бештар мадҳӣ буда, миқдори мамдӯҳони онҳо беш аз сад нафар ашхоси маъруфи замон мебошанд. Дар диссертатсия бештари мамдӯҳони Сайф ном ба ном зикр мегарданд, ки ҳатто шоир ба баъзе шахсиятҳои бонуфузи замони худ то понздаҳ қасида бахшидааст.

Боби сеюми кор"Мазмунсозӣ ва маъниофаринӣ дар қасидаҳои Сайфи Исфарангӣ" унвон дорад, ки асосан ба шеъру шоирӣ аз нигоҳи Сайфи Исфарангӣ, шеваи мазмунсозӣ ва корбурди саноеи бадеӣ дар қасидаҳои Сайфи Исфарангӣ бахшида шудааст. Дар диссертатсия муҳаққиқ таъкид менамояд, ки забони қасидаҳои Сайфи Исфарангӣ шевою бурро ва гӯшнавозу пуртароват аст. Сайф ҳангоми ибрози матлаб аз зарбулмасалу мақол, ибораҳои рехтаю пурҳикмат ва калимаву ибораҳои сирф тоҷиконаи мардуми маҳаллии Исфарамарз ба таври фаровон истифода бурдааст.

Диссертант ҳангоми баррасии масъалаҳо хулосаҳои дурусти илмӣ баровара тавонистааст. Дар диссертатсия 144 сарчашма ва асару мақолаҳои илмӣ истифода шудааст, ки диссертант номгӯи ҳамаи онҳоро дар феҳристи адабиёт ҷавобгӯ ба талаботи имрӯзи илм овардааст. Бо вуҷуди муваффақиятҳо дар диссертатсияи мазкур баъзе камбудиҳо ҷой доранд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳанд буд:

- Зерфасли якуми боби сеюми диссертатсия "Шеъру шоирӣ аз нигоҳи Сайфи Исфарангӣ ва афкори адабӣ-танқидии ӯ" ба охири боби якум ҳамроҳ карда мешуд, хубтар мебуд.

- Дар фишурда баъзе хатоҳои китобатӣ ва имлоӣ ҷой доранд. Масалан, дар саҳифаҳои 10, 17, 18, 19, 20 хатоҳои зиёди техникӣ мавҷуданд.

- Дар бахши сарчашмаи таҳқиқ аз чанд нусхаи қаламии “Девон”-и Сайфи Исфарангӣ зикр мешавад, аммо дар матни диссертатсия дар бораи ин нусхаҳо маълумоти пурра дода нашудааст.

Камбудиҳои дар фавқ зикршуда ислоҳшаванда буда, арзиши илмии диссертатсияро кам намекунанд.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи Озодахон Раҳматова тадқиқоти комилу анҷомёфта маҳсуб ёфта, муҳаққиқи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология, аз рӯйи ихтисоси 10.01.01. -адабиёти тоҷик мебошад.

Номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи адабиёти тоҷик ва журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ — Холиқова З.К.
Суроғаи электронӣ:
E-mail: mudir-72@mail.ru
Тел.: +992 918 67 08 50

“Имзои З. Холиқоваро тасдиқ мекунам”:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДК ба номи А. Рӯдакӣ — Амиров Ф.